**Тақризи**

**роҳбари илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии 25.00.24 - иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ (илмҳои география)-и омӯзгори калони кафедраи географияи иқтисодӣ ва демографияи факултети геоэкология ва туризми МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Абдуназарӣ Мавзуна Кобулзода дар мавзӯи “Захираҳои меҳнатӣ асоси ҷойгиркунӣ ва рушди корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)”.**

**Муҳимияти мавзӯи тадқиқот.** Дар ҷаҳони имрӯза саноат асоси истеҳсолоти ҳар кишварро ташкил карда, нишондиҳандаҳои пешрафти он дар маҷмӯъ нишондиҳандаҳои иқтисоди кишварҳоро ташкил медиҳад. Бинобар ин Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2021 бинобар аҳамияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла раванди саноатикунонии босуръати кишвар солҳои 2022-2026- ро “Солҳои рушди саноат” эълон намуданд.

Яке аз масъалаҳои муҳимтарин дар шароити муосир ин баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии иқтисодиёти Миллӣ мебошад, ки бевосита аз инкишофи соҳаҳои саноат ва захираҳои меҳнатӣ вобастагӣ дорад.

Ҳамасола Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми масоили иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва ҳар нуқтаву дастуру пешниҳодоти дар Паём омадаро барои беҳбудӣ бахшидан ба сатҳи зиндагии мардуми кишвар равона карда

шудааст мавриди барраси қарор медиҳанд. Дар шароити иқтисоди бозорӣ, таҷдиди куллии сохтори соҳавӣ ва ҳудудии иқтисодиёт, афзоиши босуръати аҳолӣ, номутаносибии байни омода намудани мутахассисон ва вазъ дар бозори меҳнат яке аз вазифаҳои афзалиятнок ва проблемаи муносиб кардани ташкили ҳудудии иқтидори меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Аз ин лиҳоз, захираҳои меҳнатӣ ҳамчун асоси рушд ва ҷойгиркунии саноат, ки ба талаботи истеҳсолии муосир ҷавобгӯ бошад, яке аз омилҳои асосии афзоиши иқтисодӣ ва ниҳоят баландбардории некуаҳволии аҳолӣ ва рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои кишвар, бахусус вилояти Суғд мебошад.

Ин раванд то ҷое кӯҳна шудану аҳамият ва иқтидори худро гум кардани аксар принсипҳои рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда ба шумор меравад.

Истифодаи захираҳои меҳнатии минтақаҳо самти навро касб намуд, ки бо васеъ шудани муносибатҳои бозорӣ ва зарурати таъмини рушди устувори ҳудуд ва соҳаҳои алоҳида дар минтақа ва дар маҷмӯъ дар ҷумҳурӣ гардид. Вобаста ба ин дар Тоҷикистон дар ҳалли проблемаҳои истифодаи самараноки захираҳои меҳнатии минтақаҳои алоҳида марҳилаи нав оғоз меёбад. Бинобар ин, вазифаи асосноккунии роҳҳои минбаъдаи азхудкунии захираҳои меҳнатии вилояти Суғд бо дарназардошти хусусиятҳои табиӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва географии он аҳамияти рӯзафзуни илмӣ-амалӣ пайдо карда, аз нав дида баромадани амиқии илмӣ амалиро дар самти азхудкунӣ ва истифода бурдани захираҳои меҳнатиро дар вилояти Суғд тақозо менамояд.

**Мақсад ва ҳадафҳои омӯзиш**. Мақсади таҳқиқоти мазкур аз ҷиҳати иқтисодӣ-географӣ асоснок намудани роҳҳо ва таҳияи тавсияҳо оид ба истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии

Тоҷикистон ҳамчун асоси ва ҷойгиркунии саноат дар шароити истиқлолияти сиёсии мамлакат мувофиқи принсипҳои иқтисодӣ бозорӣ мебошад. Саноатикунонии босуръати кишвар яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакат ба ҳисоб рафта, барои татбиқи ин ташаббус аз тарафи Пешвои миллат борҳо таъкид карда шуда буда, аз ҳамин хотир ҳадафи чоруми ҳадафи асосӣ барои рушди кишвар ба ҳисоб рафта, мақсади асосии саноатикунонии кишвар ноил шудан ба сатҳи баланд рушди иқтисодӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои зиндагии шоистаи мардум аст.

Натиҷаҳои асосии тадқиқоти муаллиф 4 адад мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи Олии Атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд, аз нашр баромада дар рафти тадқиқот маводҳои илмии муаллиф дар конфронсҳои илмию амалии байналмилалӣ-ҷумҳуриявӣ ва берун аз он тариқи баромад ва маърузаҳо рӯи чоп омадааст.

Мундариҷаи рисолаи ба шиносномаи (паспорти) ихтисоси илмии (25.00.24 - географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ, ки Коммисияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст) мувофиқат мекунад.

Автореферат (фишурдаи диссертатсия) асосан мазмуну мундариҷаи диссертатсияро нишон медиҳад ва аз рӯи талаботҳои асосии Комисияи Олии Атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода шудааст.

Дар ҷамъбаст, ҳаминро бояд қайд намуд, ки Абдуназарӣ Мавзуна Кобулзода дар давоми фаъолияти илмиаш ҳамчун олими ташаббускор, ҷуянда ва меҳнатдӯст худашро муарифи намуда дар рафти тадқиқот усулҳои муқоисавӣ, картографӣ, оморӣ, модулсозии математикӣ, демографӣ, саҳроӣ, пурсишҳои сотсиологӣ истифода бурда ба дараҷаи

баланди илмӣ ноил гаштааст. Натиҷаҳои илмие, ки Абдуназарӣ Мавзуна Кобулзода ба даст овардааст он тадқиқотҳои ҷидди назариявӣ-методологӣ мебошад. Абдуназарӣ М.К. ҳангоми тадқиқот аз пажӯҳишҳои сотсиологӣ, ҳуҷҷатҳои ҳуқуқию меъёрӣ, ҳисоботҳои оморӣ, диссертатсияҳою монографияҳо, маводҳои семинарӣ ва конфронсҳои илмӣ васеъ истифода бурда оиди такмил додани омилҳои асосии ҷойгиркунии саноат ва тақсимоти захираҳои меҳнатии он пешниҳодҳои муфид додааст.

Диссертатсияи Абдуназарӣ Мавзуна Кобулзода тахти унвони "Захираҳои меҳнатӣ асоси ҷойгиркунӣ ва рушди корхонаҳои саноат (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" мустақилона ба итмом расонида шуда ба талаботи Комиссияи Олии Атестатсионии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Бояд хотиррасон кунем, ки муаллифи диссертатсия Абдуназарӣ Мавзуна Кобулзода барои ноил шудан ба дараҷаи номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.24 – географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ сазовор мебошад.

Роҳбари илмӣ профессори кафедраи
геоэкология ва методикаи таълими
факултети геоэкология ва туризми
МДТ "ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров": Раҳимов А.И.

Имзои Раҳимов А.И. ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ МДТ "ДДХ ба номи
академик Б.Ғафуров" Наврӯзов Э.М.

*Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гуз.Мавлонбеков 1.*
*E-mail: https://www.hgu.tj/ Тел.: (+992-3422) 6-52-73*